*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 134 (4717) | ҶУМЪА, 10 НОЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ РАСМИИ РАИСИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН САЙИД ИБРОҲИМИ РАИСӢ БА ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**Ҳаштуми ноябри соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» дар доираи сафари расмии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳими Раисӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон музокироти сатҳи олии ҳар ду кишвар баргузор гардид.**

Дидору гуфтугӯҳо аз мулоқоти хосаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ оғоз гардида, бо иштироки ҳайатҳои расмии ҷонибҳо идома ёфтанд.

Дар доираи барномаи сафар зимни мулоқоту гуфтушунидҳо, ки дар фазои ҳусни тафоҳум баргузор гардиданд, доираи васеи масъалаҳои мубрами муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки муштаракоти зиёди таърихию фарҳангии ҳар ду мардуми бародар минбаъд низ барои таҳкими фазои ҳусни тафоҳум, эътимод ва эҳтироми ҳамдигарӣ дар муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманд заминаи мусоид хоҳанд буд.

Ҷонибҳо аз фазои созанда ва тамоюли мусбати муносибатҳои ҳар ду давлат ва тавсеаи муҳтавои онҳо изҳори қаноатмандӣ карданд. Дар ин зимн мавҷудияти имконоти фаровони Тоҷикистону Эрон барои густариш ва рушду таҳкими минбаъдаи робитаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун мавриди таъкид қарор гирифт.

Бо дарназардошти аҳамият ва нақши муколамаи сиёсии сатҳҳои олӣ ва баланд дар раванди густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба аз идомаи пурсамар ва мунтазами он ҷонибдорӣ сурат гирифт. Дар баробари ин, бештар фаъол гардонидани азназаргузаронии масъалаҳои дуҷониба, иҷрои фарогири санадҳои ҳамкорӣ ва мувофиқаҳои гуногунсатҳ дар ҷодаи дастрасӣ ба ҳадафҳои волои ҷавобгӯ ба манфиатҳои мардумони Тоҷикистону Эрон шарти муҳим дониста шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ ва фаъолияти босамари гурӯҳҳои дӯстии ин ниҳодҳоро аз ҷумлаи омилҳои муҳими рушди муносибатҳо арзёбӣ карданд.

Нақши муҳими Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ, фарҳангӣ ва ҷаласаи навбатии он, ки дар назар астояндаи наздик дар Душанбе баргузор гардад, дар густариши минбаъдаи равобити миёни ҳар ду кишвар мавриди зикр қарор гирифт.

Ҳамчунин, зарурати талошҳои муштарак ҷиҳати амалӣ намудани «Барномаи дарозмуддати ҳамкориҳои иқтисодию тиҷории ҳар ду кишвар то соли 2030» таъкид гардид.

Гузашта аз ин, роҳандозии тарҳҳои муҳим дар ҳавзаҳои саноат, энергетика, нақлиёт, коркарди маъдан, кишоварзӣ ва сайёҳӣ бо ҷалби сармоягузориҳои муштарак ба нафъи ҳар ду ҷониб дониста шуд.

Фаъолияти мунтазами Кумитаи муштараки сармоягузорӣ ва Шӯрои муштараки соҳибкорон ҳамчун омилҳои муассир дар ин ҷода муаррифӣ гардиданд.

Ҷонибҳо аз баргузории доимии форумҳои соҳибкорон ва намоишгоҳҳои молу маҳсулот дар қаламрави ҳамдигар ба сифати заминаи мусоиди ин раванд ҷонибдорӣ намуданд. Идомаи ҳамкориҳо дар бахши энергетика, аз ҷумла бунёди неругоҳҳои барқи обию офтобӣ дар қаламрави Тоҷикистон, аз самтҳоиояндадори ҳамкориҳои ҷонибҳо арзёбӣ шуд.

Ҷонибҳо аз татбиқи тарҳҳои нақлиётию коммуникатсионие, ки ҳар ду кишварро бо ҳам ва бо шабакаҳои байналмилалӣ мепайванданд, истиқбол намуда, истифодаи зарфиятҳои транзитии ҳамдигарро барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ба нафъи ҳар ду давлат донистанд.

Ҳамчунин, соҳаҳои тандурустӣ ва робитаҳои байни минтақаҳо аз самтҳоиояндадор дар муносибати ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон эътироф гардиданд.

Бо ишора ба шароити мавҷуда ҷиҳати густариши ҳамкориҳо дар соҳаи сайёҳӣ, афзоиши парвозҳо байни ҳар ду кишвар ва содагардонии низоми рафтуомад дар ин замина мусоид унвон гардид.

Ҳамзамон, баргузории рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Эрон дар қаламрави ҳамдигар аз омилҳои муҳими рушди ҳамкориҳои фарҳангию башарӣ арзёбӣ карда шуд.

Дар баробари изҳори қаноатмандӣ аз сатҳи хуби ҳамёрӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ алоқамандии ҷонибҳо ба идомаи ҳамкориҳои бисёрҷониба зоҳир шуд.

Дар ҷараёни музокирот атрофи масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла вазъи Афғонистон, қазияи Фаластин ва дигар мавзӯъҳои рӯзномаи ҷаҳонӣ, низ табодули афкор сурат гирифт.

Аз натиҷаи музокирот як қатор санадҳои нави дуҷонибаи ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногун ба имзо расид, ки пояҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҳар ду кишварро тақвият мебахшад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ КОРМАНДОНИ МИЛИТСИЯ

**Даҳуми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бахшида ба Рӯзи кормандони милитсия як қатор иншооти нави соҳаро баъди бунёду навсозӣ ифтитоҳ карда, бо маҳсулоти хоҷагиҳои ёрирасони назди Вазорати корҳои дохилӣ шинос шуданд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо шароити фароҳамшуда дар бинои хобгоҳи сарбозони Баталёни фаврии таъиноти махсуси қисми ҳарбии 3502-и Раёсати Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шуданд.

Ҳайати шахсӣ дар баробари толори барҳаво, ҳамзамон, метавонанд аз ҳуҷраҳои зарурии ёрирасони замонавӣ истифода кунанд. Дар ин қисми низомӣ хобгоҳ бо ҳуҷраҳои ёрирасон сохта, 5 хобгоҳи дигар пурра навсозӣ гардида, дар толорҳои барҳаво барои ҳайати шахсӣ мутобиқ ба талаботи замон барои адои хизмати Ватан - Модар шароит фароҳам оварда шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО САЙИД ИБРОҲИМИ РАИСӢ

**Ҳаштуми ноябри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳими Раисӣ мулоқот намуд.**



Таъкид шуд, ки густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Исломии Эрон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, самараи дӯстию бародарии муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯз дар тамоми самти ҳамкорӣ пешравиҳо дида мешавад.

Дар идома гуфта шуд, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкории пурмаҳсулу судманд бо давлати бародари Ҷумҳурии Исломии Эрон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, тавассути гурӯҳҳои дӯстӣ масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ, густариши робитаҳои иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои барои халқу давлатҳо муҳимро мавриди ҳаллу фасл қарор медиҳад. Бо ин ҳадаф Гурӯҳи дӯстӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ташкил шудааст.

Тазаккур дода шуд, ки бо мақсади тақвият бахшидани ҳамкории байнипарлумонӣ ва муносибатҳои таърихию бародаронаи ҳар ду давлат соли 2011 Ёддошти тафоҳум ба имзо расонида шуд, ки ба таҳкими пояи пайвандҳо ва муштаракоти дӯстии байни ҳар ду миллат дар сатҳи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон заминаи воқеӣ гузошт.

Дар мулоқот, ҳамчунин, таъкид шуд, ки тавсеаи равобит ва ҳамкориҳои Теҳрон ва Душанбе аҳамияти зиёд доранд.

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

**Нуҳуми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ҷаласаи сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазирони рушди иқтисод ва савдо, нақлиёт, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини вазири корҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

**Нуҳуми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар Саммити 16-уми сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ вориди шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Тошканд ба номи Ислом Каримов меҳмони олиқадр, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов ва дигар шахсони расмӣ гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

**Нуҳуми ноябри соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Тошканд дар Саммити 16-уми сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мулоқот карданд.**

Ҷонибҳо зимни мулоқот масъалаҳои рушду густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, саноат, энергетика ва фарҳангию гуманитариро баррасӣ карданд.

Изҳори умед карда шуд, ки ташрифи давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли оянда дар назар аст, барои инкишофи минбаъдаи робитаҳои ҳар ду кишвар ва ба сатҳи иттифоқчӣ баровардани муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон мусоидати муассир хоҳад намуд.

Ҷонибҳо барои дар доираи ин сафар баргузор кардани силсилаи чорабиниҳо, аз қабили форуми тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, форуми олимон, ҷавонон, мулоқоти занони пешсаф, шоми дӯстӣ, намоиши муштараки маҳсулот ва чорабиниҳои варзишӣ, ба мувофиқа расиданд.

Зимни суҳбат сарони давлатҳо, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ низ гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**





# САФАРИ РАСМИИ РАИСИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН САЙИД ИБРОҲИМИ РАИСӢ БА ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

**8-уми ноябри соли 2023 баъди анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Эрон бо иштироки сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.**

Нахуст, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Ҷумҳурии Исломии Эронро имзо карданд.

Сипас, дар ҳузури сарони давлатҳо чунин санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд:

- Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи лағви раводид барои дорандагони шиносномаҳои умумишаҳрвандии хориҷӣ;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамлу нақли байналмилалӣ ва транзитӣ тавассути бандари «Чобаҳор» байни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати роҳ ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти миллии идоракунии офатҳои табиии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соҳаи идоракунии ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

- Ёддошти тафоҳум байни Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ситоди мубориза бо маводи мухаддири Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиботи Шӯрои олии минтақаҳои озоди тиҷоратӣ-саноатӣ ва махсуси Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

- Нақшаи роҳи иҷрои «Барномаи ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодӣ ва тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон барои солҳои 2022-2030»;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ дар соҳаи таҳқиқот, технология ва навоварӣ байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парки технологии Пардиси Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкориҳои почтавӣ байни КВД «Почтаи Тоҷик» ва Ширкати миллии почтаи Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони таъзироти ҳукуматии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Тафоҳумнома дар бораи барқарорсозии алоқаҳои бародаршаҳрӣ байни шаҳри Хуҷанди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Язди Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкориҳои илмию технологӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати улум, таҳқиқот ва фанноварии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иршоди исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкориҳои илмӣ ва фанноварӣ байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Муовинати илмии Раёсати Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони садо ва симои Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Созмони аснод ва Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни КВД «Шаҳри ҳушманд (Smart City)»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Созмони фанноварии иттилоот ва иртибототи шаҳрдории Машҳад;

- Ёддошти тафоҳум байни Роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳи оҳани Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар самти нақлиёти роҳи оҳан.

Дар маҷмӯъ, аз рӯи натиҷаи мулоқоту музокироти сатҳи олӣ байни Тоҷикистону Эрон 19 санади нав имзо шуд.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Эрон ва маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ сарони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ ороста, бо изҳорот баромад карданд.

**8-уми ноябри соли равон дар шаҳри Душанбе бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ Анҷумани иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва соҳибкорони Тоҷикистону Эрон баргузор гардид.**

Чорабинии сатҳи баланд дар ҳошияи сафари расмии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон доир шуда, дар он ҳайатҳои ҳукумати ҳар ду кишвар ва доираи васеи соҳибкорони Тоҷикистону Эрон иштирок карданд.

Зимни суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷуманро барои мубодилаи афкор ва таҷриба, баррасии имкониятҳои мавҷуда ва тавсеаи ҳамкориҳои судманди ҳар ду давлат муҳим арзёбӣ карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои ин анҷуман ба пешбурди ҳамкориҳои дуҷонибаи кишварҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва тиҷорат мусоидати муассир хоҳанд кард.

Таъкид гардид, ки масъалаҳои таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон аз самтҳои муҳими муносибатҳои ҳар ду кишвар ба шумор мераванд.

Бо натиҷагирӣ аз мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Эрон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори боварӣ намуданд, ки татбиқи амалии «Барномаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ байни ҳар ду кишвар то соли 2030» натиҷаҳои назаррас ба бор хоҳад овард.

Президенти мамлакат иброз доштанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон дар «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» ба масъалаи таъмин намудани пешрафти бахши хусусӣ тавассути ҷалби сармоя эътибори махсус зоҳир намуда, онро яке аз ҳадафҳои сиёсати иқтисодии худ эътироф кардааст.

Дар қонунгузории мамлакат барои ҳифзи соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ имтиёзҳои зиёд ва кафолатҳои васеи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Ҳамчунин, тибқи қонунгузориҳои кишвар, барои сармоягузорону соҳибкорон беш аз 240 номгӯйи кафолату имтиёз, аз ҷумла зиёда аз 110 имтиёзу сабукӣ дар самтҳои андозу гумрук, пешбинӣ шудааст.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба самтҳои асосию стратегии мамлакат, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар ва имкону захираҳои табиии Тоҷикистон, андешаронӣ карда, сарватҳои фаровони табиӣ, махсусан захираҳои обу маъданро, муаррифӣ намуданд.

Президенти мамлакат таваҷҷуҳи иштирокчиёни Анҷумани иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва соҳибкорони Тоҷикистону Эронро ба истифодаи босамари иқтидорҳои соҳаи гидроэнергетика ва сармоягузорӣ ба ин самт ҷалб карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии пурмуҳтаво, ҳамчунин, оид ба зарфиятҳои мавҷудаи рушди «иқтисоди сабз», густариши ҳамкории доираҳои соҳибкории ҳар ду кишвар дар соҳаҳои барои ҷонибҳо судовари саноати маъдан, металлургӣ, кимиё, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, саноати сабук, хӯроквории, дорусозӣ, кишоварзӣ, нақлиёт ва сайёҳӣ андешаҳои ҷолиб баён намуданд.

Таъкид гардид, ки соҳаҳои номбаршуда ва дигар арсаҳои тиҷоратию иқтисодӣ метавонанд барои тавсеаи ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд заминаи мусоид бошанд.

# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти матбуотӣ пас аз музокирот бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳими Раисӣ

шаҳри Душанбе, 8-уми ноябри соли 2023



**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

Қабл аз ҳама, бори дигар Раиси муҳтарами Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷаноби Олӣ, Сайид Иброҳими Раисиро ба Тоҷикистон хайра мақдам мегӯям.

Дар доираи барномаи сафар, зимни мулоқоту гуфтушунидҳо, дар фазои ҳусни тафоҳум, мо масъалаҳои мубрами муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Эронро мавриди баррасӣ қарор додем. Изҳори боварӣ карда шуд, ки муштаракоти зиёди таърихию фарҳангии ҳар ду кишвари бародар минбаъд низ барои таҳкими фазои ҳусни тафоҳум, эътимод ва эҳтироми ҳамдигарӣ заминаи мусоид мебошанд.

Мо аз фазои созанда ва тамоюли мусбати муносибатҳои дуҷонибаамон ва ташаккули сатҳу муҳтавои пурмазмуни онҳо изҳори қаноатмандӣ намудем.

Таъкид гардид, ки кишварҳои мо барои густариш ва рушду таҳкими минбаъдаи робитаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун аз имконоти фаровон бархӯрдоранд.

Мо, зимни ёдоварӣ аз аҳамият ва нақши муколамаи сиёсии сатҳҳои олӣ ва баланд дар раванди густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба аз идомаи пурсамар ва мунтазами он ҷонибдорӣ кардем.

Ҷиҳати дастрасӣ ба ҳадафҳои волои ҷавобгӯ ба манфиатҳои мардумони Тоҷикистону Эрон, бештар фаъол гардидани абзорҳои дуҷониба, иҷрои фарогири санадҳои ҳамкорӣ ва мувофиқаҳои гуногунсатҳи ҷонибҳо шарти муҳим дониста шуд. Таҳкими минбаъдаи заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳо ва ба воқеиятҳои имрӯза мутобиқ намудани онро амри зарурӣ шуморидем.

Дар ҳошияи музокироти имрӯза бастаи нави санадҳои дуҷонибаи ҳамкориҳо дар сатҳи минтақаҳо, соҳаҳои нақлиёт, илму фарҳанг, варзиш, иттилоотию технологӣ ба имзо расид, ки пояҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҳар ду кишварро тақвият мебахшад.

Ҷониби Тоҷикистон тавсеаи равобити байнипарлумонӣ ва фаъолияти босамари гурӯҳҳои дӯстии ин ниҳодҳоро аз ҷумлаи омилҳои муҳими рушд дар ин ҷода арзёбӣ менамояд. Дар баробари ин, нақши муҳими Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ дар густариши минбаъдаи равобити миёни ҳар ду кишвар мавриди таъкид қарор гирифт. Изҳори умед шуд, ки ҷаласаи навбатии комиссия низ, ки дар назар аст то поёни соли ҷорӣ дар Душанбе баргузор гардад, дар баррасии фаъоли масъалаҳои ҳамкорӣ саҳми босазо хоҳад дошт. Мо бо қаноатмандӣ аз раванди рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ миёни Тоҷикистон ва Эрон дар чанд соли охир ёдовар шудем.

Ба мақсади рушди минбаъдаи ин ҳамкориҳо зарурати талошҳои муштарак ҷиҳати амалӣ намудани «Барномаи дарозмуддати ҳамкориҳои иқтисодию тиҷории ҳар ду кишвар то соли 2030» махсусан таъкид гардид. Бо ишора ба ҳамкории ҳар ду кишвар дар соҳаи сармоягузорӣ алоқамандии кишвари мо ба роҳандозии тарҳҳои муҳим дар ҳавзаҳои саноат, энергетика, нақлиёт, коркарди маъдан, кишоварзӣ ва сайёҳӣ зикр карда шуд.

Мо фаъолияти мунтазами Кумитаи муштараки сармоягузорӣ ва Шӯрои муштараки соҳибкориро, ки ба ин мақсадҳо таъсис дода шудаанд, ҳамчун омилҳои муассир дар ин ҷода мешуморем.

Мо ҷонибдории худро аз баргузории доимии форумҳои соҳибкорон ва намоишгоҳҳои молу маҳсулот дар қаламрави ҳамдигар иброз намудем.

Кишвари мо манфиатдор будани худро ба ҷалби сармояи ҷониби Эрон ба минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ва татбиқи тарҳҳои муштараки барои ҷонибҳо судманд таъкид кард.

Мо ҳамкориҳо дар бахши энергетика, аз ҷумла бунёди неругоҳҳои барқи обию офтобӣ, дар қаламрави Тоҷикистонро, аз самтҳои ояндадори ҳамкориҳои ҷонибҳо арзёбӣ кардем.

Дар баробари ин, аз татбиқи лоиҳаҳои нақлиётию коммуникатсионие, ки ҳар ду кишварро бо ҳам ва бо шабакаҳои байналмилалӣ мепайванданд, ҷонибдорӣ намудем. Дар ин замина истифодаи самараноки имконоту зарфиятҳои нақлиётию транзитии ҳар ду давлат барои ҳамлу нақли молу маҳсулот ва дар маҷмӯъ тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, ба нафъи ҳар ду кишвар дониста шуд.

Мо таъкид кардем, ки соҳаи кишоварзӣ самти дигари ояндадори муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистону Эрон мебошад ва ҷонибҳо метавонанд дар татбиқи тарҳҳои муштарак дар ин бахш саҳм бигиранд. Робитаҳои байни минтақаҳо аз самтҳои нисбатан нав ва умедбахши ҳамкорӣ унвон гардид.

Афзоиши парвозҳо байни ҳар ду кишвар ва содагардонии низоми рафтуомад барои густариши ҳамкориҳо дар соҳаи сайёҳӣ шароити мусоид дониста шуданд.

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир робитаҳои ҳар ду кишвар дар соҳаи тандурустӣ тамоюли рушду тавсеаро касб кардаанд. Мо аз идомаи пешбурди ин раванд, аз ҷумла дар бахши дорусозӣ, ҳамчунин, омода намудан ва бозомӯзии мутахассисони ин соҳа ҷонибдорӣ намудем. Ҳамзамон, таъкид гардид, ки арзишҳои зиёди муштарак заминаи мусоид барои рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ мебошанд.

Баргузории рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Эронро дар қаламрави ҳамдигар аз рӯйдодҳои муҳим дар ин ҷода арзёбӣ намудем.

Ҷонибҳо аз сатҳи хуби ҳамёрӣ дар чаҳорчӯбаи дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, бахусус Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Мо алоқаманди идомаи густариши минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи ҳар ду кишвар ҳастем.

Дар ҷараёни музокирот, ҳамзамон, атрофи масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, бахусус вазъи Афғонистон, қазияи Фаластин ва мушкилоти дигар минтақаҳои даргири ҷаҳон табодули афкор сурат гирифт.

Тоҷикистон чун кишваре, ки ҷанги шаҳрвандиро паси сар кардааст, ҷонибдории худро аз ҳалли мусолиматомези мушкилоту низоъҳо бо роҳҳои дипломатӣ ва гуфтушунидҳо изҳор медорад.

Бо дарназардошти муҳтавои музокирот ва мувофиқаҳои ҳосилшуда метавон гуфт, ки натиҷаҳои ин сафари Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Исломии Эрон ба раванди рушди муносибатҳо ба нафъи мардуми ҳар ду кишвари дӯст такони тозаи амалӣ хоҳанд бахшид.

**Ташаккур ба таваҷҷуҳатон.**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

**9-уми ноябри соли 2023 дар пойтахти Ҷумҳурии Ӯзбекистон - шаҳри Тошканд Саммити 16-уми сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) баргузор гардид, ки дар кори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суханронӣ ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев барои меҳмоннавозии анъанавӣ ва ташкили баргузории саммит дар сатҳи баланд изҳори сипос намуда, Сарвари давлати мизбони чорабиниро ба муносибати раиси Саммити 16-уми Созмони ҳамкории иқтисодӣ интихоб шуданашон самимона шодбош гуфтанд.

Ҳамзамон, ба саъю талошҳои раисии ҷониби Туркманистон таҳти раёсати Президенти Туркманистон муҳтарам Сердар Бердимуҳаммадов доир ба татбиқи қарорҳои саммити гузашта баҳои баланд дода шуд.

Вобаста ба нақши СҲИ дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки масъалаҳои рушди бемайлони (устувори) ҳамкорӣ дар доираи он ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии мамлакати мо муайян гардидаанд. Аз ҷумла, иброз гардид, ки сарфи назар аз тамоюлҳои буҳронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и Созмони ҳамкории иқтисодӣ, ки дар айни замон беш аз ду триллион долларро ташкил медиҳад, тамоюли умумии афзоишро нигоҳ доштааст.

Пешгӯӣ мешавад, ки афзоиши миёнаи ММД дар аксари давлатҳои СҲИ аз рӯи ҷамъбасти соли равон беш аз панҷ дарсадро ташкил хоҳад дод.

Дар баробари ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотиррасон намуданд, ки сарфи назар аз ин тамоюлҳои мусбат қисми зиёди иқтидори ҳамкории иқтисодии давлатҳои аъзои СҲИ то ҳол истифода нагардидааст.

Дар ин замина Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, ба густариши робитаҳои байниҳамдигарӣ ҷиҳати ташкили низомҳои мусоиди ҳамкорӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, кумаки ҳамаҷониба ба давлатҳои аъзои СҲИ, ки роҳи



баромади баҳрӣ надоранд, ташкили робитаҳои мустаҳками нақлиётии дохилиминтақавӣ ва байниминтақавӣ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун ҷузъи муҳими амнияти озуқаворӣ минтақа ва истифодаи манбаъҳои иқтидори барқароршаванда, ки ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии рушди «иқтисоди сабз» маҳсуб мешаванд, пешниҳодҳои асоснок намуданд.

Дар робита ба бунёди инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаи СҲИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, махсусан таъкид намуданд, ки мо ният дорем дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар самти Шарқ - Ғарб ва Осиёи Марказӣ - Ҷанубӣ нақши муносиб гузорем.

Дар ин замина Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Котиботи СҲИ бо пешниҳоди таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият ва дурнамои ҳамкорӣ бо мақсади рушди минбаъдаи он дар тамоми соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо муроҷиат намуданд.

Дар хотима Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Озарбойҷонро бо анҷоми бомуваффақияти раёсати он дар Созмони ҳамкории иқтисодӣ табрик гуфта, ба Ҷумҳурии Исломии Эрон дар иртибот ба қабули раёсат дар ин СҲИ муваффақият таманно намуданд.

**www.prezident.tj**



# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ КОРМАНДОНИ МИЛИТСИЯ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар хобгоҳи сарбозон, роҳравҳо ва атрофи қисми ҳарбӣ камераҳои назоратӣ насб гардида, будубоши афсарону сарбозон зери назорати пайваста қарор дорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати шахсиро барои истифодаи муфид аз имконияти фароҳамшуда ва иҷрои вазифаҳои хизматӣ вазифадор намуданд.



Ҳамчунин дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чор иншооти нав - маркази таълимии Қӯшунҳои дохилӣ дар шаҳри Турсунзода, Маркази васлу насби таҷҳизоти техникаи оташнишонии Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонӣ, шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар



ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Мушфиқии пойтахтро барои кормандони Вазорати корҳои дохилӣ ба таври маҷозӣ (онлайн) ба истифода доданд.

Дар иншооти нав мутобиқ ба талаботи замони муосир барои ҳайати шахсӣ ҷиҳати адои хизмат ва истиқомат шароит фароҳам шудааст, ки натиҷаи ғамхориҳои доимии Ҳукумати мамлакат нисбат ба кормандони мақомоти милитсия мебошад.

Сипас, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маҳсулоти истеҳсолнамудаи хоҷагиҳои ёрирасони назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шуданд.

Маҳсулоти тару тоза аз хоҷагиҳои ёрирасон дар ноҳияҳои Лахш, Варзоб, Рӯдакӣ ва шаҳри Душанбе истеҳсол ва ба афсарону сарбозон дастрас карда мешавад.

Омӯзиши усулҳои муосири кишту парвариши зироат, истифодаи техникаю таҷҳизоти тибқи таъинот пешбинишуда ва ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ имкон фароҳам овард, ки афзоиши ҳамасолаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар хоҷагиҳои ёрирасони назди Вазорати корҳои дохилӣ таъмин карда шавад.

Зиёд кардани саршумори чорвои калону майда, оилаҳои занбӯри асал ва таъсиси корхонаҳои коркард имкон фароҳам овард, ки талаботи ҳайати шахсӣ бо гӯшту шир ва асал бештар аз ҳисоби хоҷагиҳои ёрирасони назди вазорат қонеъ гардонида шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулини дахлдорро ҷиҳати истифодаи пурраи имконияти хоҷагиҳои ёрирасон, боз ҳам афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти босифат ва таъмини ҳайати шахсӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҳисоби имкониятҳои дохилии табиӣ вазифадор намуданд.

**10-уми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар паради ҳарбии ҷузъу томҳои Вазорати корҳои дохилӣ ба муносибати Рӯзи кормандони милитсия иштирок ва суханронӣ карданд.**

Баъди иҷрои Суруди Миллӣ аз ҷониби иштирокчиёни паради низомӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, кулли кормандони мақомоти корҳои дохилии мамлакат ва ҳозиринро ба ифтихори ҷашни касбиашон - Рӯзи кормандони милитсия самимона табрик карданд.

Таъкид гардид, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилӣ дар солҳои бисёр душвору ҳассоси таърихи навини халқи тоҷик якҷо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ барои барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, таъмин намудани суботу оромӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ саҳми таърихӣ гузоштанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ изҳор доштанд,



ки кормандони ин ниҳоди бонуфузи ҳифзи ҳуқуқ бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва ватандӯстию ватанпарастӣ аз оғози расидан ба истиқлолияти давлатӣ ҳимояи ин неъмати гаронбаҳои давлату миллат, яъне вазифаи муқаддаси худро, сарбаландона иҷро карда истодаанд.

Президенти мамлакат хизмати кормандони мақомоти корҳои дохилиро, хусусан, дар барқарорсозии сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таъмин намудани шароиту муҳити орому осуда барои зиндагии мардум ва корҳои ободонию созандагӣ, бисёр арзишманду барҷаста маънидод карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳон кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ, сохторҳои ҳарбӣ, хусусан Қӯшунҳои сарҳадиро, ҳушдор сохтанд, ки бояд ҳамеша ҳушёр бошанд, иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва рисолати касбии худ, яъне ҳифзи амнияту оромии ҷомеа ва давлат, ҳимояи боэътимоди марзу буми Ватан, зиндагии осудаи сокинони мамлакат ва заҳмати ободгаронаи сокинони кишварро таъмин намоянд.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои таҳкими асосҳои моддию техникии мақомоти корҳои дохилӣ ва Қӯшунҳои дохилӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисос, ба хизмат ҷалб кардани мутахассисони ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй ва беҳтар намудани шароити зиндагию хизмати ҳайати шахсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат зиёда аз 400 иншооту бинои мақомоти корҳои дохилӣ сохта, ба истифода дода шудаанд. Аз ҷумла, танҳо дар даҳ соли охир дар қисмҳои ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ даҳҳо иншооти нав сохта, ҳамаи қисмҳои ҳарбӣ аз таъмири асосӣ бароварда, бо шароити беҳтарини зиндагию хизмат ва таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин гардидаанд.

Таъкид гардид, ки барои шуҷоату мардонагӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ иҷро намудани уҳдадорию вазифаҳои хизматӣ то имрӯз садҳо кормандони милитсия ва афсарону сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти шароиту имкониятҳои муҳайёгардида, дастур доданд, ки қисми ҳарбии 3502-и Қӯшунҳои дохилӣ ба Бригадаи фаврии таъиноти махсус табдил дода шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони мақомот, ҳайати фармондеҳӣ ва ҳар як хизматчии ҳарбиро барои мунтазам баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаю маҳорати касбӣ ва албатта, риояи ҳатмии қонун, талаботи оинномаҳои ҳарбӣ ва интизому тартибот вазифадор карданд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки кормандони мақомот барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва рисолати муқаддаси худ минбаъд низ омода буда, ба савганди ёдкардаи хеш содиқ мемонанд.

Баъд аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо амри фармондеҳи парад ба муносибати Рӯзи кормандони милитсия паради ҳарбӣ оғоз гардида, дар он кормандони раёсату шуъбаҳо, хадамот, ҷузъу томҳои Қӯшунҳои дохилӣ ва дигар сохторҳои таркибии Вазорати корҳои дохилӣ ширкат варзиданд.

Мавриди зикр аст, ки дар баробари мардон, инчунин, занону бонувони тамоми шохаҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар паради низомӣ фаъолона иштирок карда, бо марши тантанавӣ қадам заданд.

Дар майдони сафоройӣ дар баробари ҳайати шахсӣ шумораи зиёди техникаҳои гуногуни зиреҳпӯши ҷангӣ ва навъҳои гуногуни автомашинаҳои ҷангию хизматӣ гузошта шуда буд.

www.prezident.tj

# МАСЪУЛИЯТИ БАСО МУҲИМИ ДАВЛАТӢ БА УҲДАИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ВОГУЗОР ГАРДИДААСТ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи кормандони милитсия дар қисми ҳарбии 3502-и Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилӣ

**шаҳри Душанбе, 10-уми ноябри соли 2023**

**Муҳтарам кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва афсарону сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ!**

Дар ибтидо ҳамаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ, собиқадорон ва ҳар яки шумо – ҳозирини гиромиро, ки дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзанда гузошта истодаед, ба ифтихори ҷашни касбиатон – Рӯзи кормандони милитсия самимона табрик мегӯям.

Ҳамчунин, мехоҳам бо қаноатмандӣ иброз дорам, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилӣ дар солҳои бисёр душвору ҳассоси таърихи навини халқи тоҷик якҷо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ барои барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, таъмин намудани суботу оромӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ саҳми таърихӣ гузоштанд.

Тибқи қонунгузорӣ, масъулияти басо муҳими давлатӣ – ҳифзи молу мулк ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои мардум, таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, волоияти қонун ва мубориза бо ҷинояткорӣ ба уҳдаи мақомоти корҳои дохилӣ вогузор гардидааст.

Кормандони ин ниҳоди бонуфузи ҳифзи ҳуқуқ бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва ватандӯстию ватанпарастӣ аз оғози расидан ба истиқлолу озодӣ ҳимояи ин неъмати гаронбаҳои давлату миллат, яъне вазифаи муқаддаси худро сарбаландона иҷро карда истодаанд.

Барқарорсозии сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таъмин намудани шароиту муҳити орому осуда барои зиндагии мардум ва корҳои ободонию созандагӣ, ки имрӯз дар кишвар густаришу тавсеа пайдо карда истодааст, натиҷаи саъю талоши ватандӯстона ва матонату садоқати кормандони милитсия, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбии давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон мебошад.

**Муҳтарам сарбозону афсарон!**

Қӯшунҳои дохилӣ яке аз сохторҳои муҳими Вазорати корҳои дохилӣ ба ҳисоб рафта, саҳми онҳо дар таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар омилҳои халалдоркунандаи ҳаёти осоиштаи мардум басо арзишманд мебошад.

Дар солҳои душвори мухолифатҳои дохилӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ афсарону сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ қарзи ватандории худро садоқатмандона иҷро карда, дараҷаи баланди маҳорати касбию ҷангӣ нишон доданд.

Ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилӣ дар амалиётҳои махсус оид ба безараргардонии гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ҳамеша пешсафи набардҳо буданд. Имрӯз низ хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ ҳамчун ниҳоди боэътимоди ба душвориҳо тобовар вазифаҳои хизматии худро содиқона иҷро карда истодаанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вақтҳои охир мардуми сайёраро зуҳуроти хатарноку фоҷиабори терроризму ифротгароӣ, радикализми динӣ, қочоқу муомилоти маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромарзӣ сахт ба изтиробу нигаронӣ овардаанд.

Ман дар суханрониҳои худ тайи чанд соли охир борҳо таъкид карда будам, ки бар асари мухолифату низоъҳо дар миёни абарқудратҳо, мусаллаҳшавии бошитоб ва торафт шиддат гирифтани «ҷанги сард» вазъияти ҷаҳон пешгӯинашаванда гардида истодааст.

Тавре ки имрӯз мебинем, мухолифату низоъҳои сиёсию ҳарбӣ, динию мазҳабӣ ва фарҳангию тамаддунӣ ба андозае шиддат пайдо кардаанд, ки оқибати раванду ҳодисаҳои дунёро ҳатто барои чанд рӯзи оянда пешгӯӣ кардан ғайриимкон гардидааст.

Дар чунин шароит кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ, сохторҳои ҳарбӣ, хусусан Қӯшунҳои сарҳадӣ, бояд ҳамеша ҳушёр бошанд, иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва рисолати касбии худ, яъне ҳифзи амнияту оромии ҷомеа ва давлат, ҳимояи боэътимоди марзу буми Ватан, зиндагии осудаи сокинони мамлакат ва заҳмати ободгаронаи сокинони кишварро таъмин намоянд.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои таҳкими асосҳои моддию техникии мақомоти корҳои дохилӣ ва Қӯшунҳои дохилӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисос, ба хизмат ҷалб кардани мутахассисони ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй ва беҳтар намудани шароити зиндагию хизмати ҳайати шахсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат зиёда аз 400 иншооту бинои мақомоти корҳои дохилӣ сохта, ба истифода дода шудаанд.

Аз ҷумла, танҳо дар даҳ соли охир дар қисмҳои ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ даҳҳо иншооти нав сохта, ҳамаи қисмҳои ҳарбӣ аз таъмири асосӣ бароварда, бо шароити беҳтарини зиндагию хизмат ва таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин гардидаанд.

Бо назардошти шароиту имкониятҳои муҳайёгардида, дастур дода мешавад, ки қисми ҳарбии 3502-и Қӯшунҳои дохилӣ ба Бригадаи фаврии таъиноти махсус табдил дода шавад.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат, дар баробари фароҳам овардани шароити зарурии зиндагӣ ва хизмат барои кормандони мақомоти милитсия, ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилӣ ва таҳкими асосҳои моддию техникии онҳо, инчунин, хизмати содиқонаи ҳомиёни Ватан ва қонунияту тартиботро ҳамеша қадршиносӣ менамояд.

Барои шуҷоату мардонагӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ иҷро намудани уҳдадорию вазифаҳои хизматӣ то имрӯз садҳо нафар кормандони милитсия ва афсарону сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд.

**Афсарону сарбозони шуҷои Ватан!**

Шумо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар кишвари мо бо заҳмати зиёд, инчунин, матонату шуҷоати ҳазорон нафар фарзандони содиқи Ватан ба даст омадааст.

Ҳимояи истиқлолу озодӣ, амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳаёти осудаи мардуми шарифи Тоҷикистон имрӯз ба дӯши шумо гузошта шудааст. Иҷрои ин вазифаи муқаддас аз ҳисси баланди миллӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияту маҳорати касбии ҳар яки шумо ва муҳимтар аз ҳама, аз садоқати шумо ба халқ, Ватан ва давлати худ вобастагӣ дорад. Дар ин раванд, мунтазам баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаю маҳорати касбӣ ва албатта, риояи ҳатмии қонун, талаботи оинномаҳои ҳарбӣ ва интизому тартибот вазифаи роҳбарони мақомот, ҳайати фармондеҳӣ ва ҳар як хизматчии ҳарбӣ мебошад.

Бовар дорам, ки шумо барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва рисолати муқаддаси худ минбаъд низ омода буда, ба савганди ёдкардаи хеш содиқ мемонед.

Бори дигар тамоми кормандони милитсия ва ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилиро ба ифтихори Рӯзи кормандони милитсия самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо тандурустӣ, бахту саодат ва дар кору зиндагиатон бароru комёбӣ орзу менамоям.

**Ҷашни касбӣ муборак бошад, ҳомиёни қонунияту тартибот ва фарзандони содиқи Ватан!**

Маърифати ҳуқуқӣ

# КОРРУПСИЯ ВА ОҚИБАТҲОИ НОГУВОРИ ОН

**Коррупсия яке аз падидаҳои номатлуб буда, дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ арзи вуҷуд дорад. Табиист, ки ин ҳодиса дар рафти раванди таърихӣ доимо тағйир меёбад ва дар баробари мураккаб шудани тартиботи сиёсӣ ва иқтисодӣ шаклҳои нави он ба миён меоянд. Дар ҷаҳони муосир коррупсия барои қариб ҳамаи давлатҳо мушкили ҷиддӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.**

Дар муқаддимаи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия мушкилот ва таҳдидҳои коррупсия ба суботу амнияти ҷомеа, ки институтҳо ва арзишҳои демократӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва адолатро халалдор мекунанд ва ба рушди устувор ва волоияти қонун зарар мерасонанд, қайд мешавад ва он дигар мушкилоти маҳаллӣ ба ҳисоб нарафта, балки ба падидаи фароммиллӣ табдил ёфтааст, ки ба ҷомеа ва иқтисоди ҳама кишварҳо таъсир мерасонад.

Имрӯз мушкилоти коррупсия, рафъи зуҳуроти мухталиф ва муқовимат ба паҳншавии он, таҳия ва татбиқи амалии сиёсати самарабахши зиддикоррупсиониро барои тамоми кишварҳои олам тақозо намуда, иллати тамоми низоми идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки ба ҳама давлатҳо хос аст. Он ба низоми муносибатҳои ҷамъиятии дорои дараҷаҳои гуногуни фаъолият таъсир расонда, баъзан чунон мавқеъ пайдо мекунад, ки ба танзимгари ин муносибатҳо табдил ёфта, қонунро иваз менамояд ё дар баробари он амал намуда, пояҳои ҳокимияти давлатиро суст мекунад. Чунин кирдорҳои коррупсионӣ соҳибони қудрати қонуниро водор месозад, ки ба он муқовимат нишон диҳанд. Мубориза бо ин шакли шадиди коррупсия ба самти муҳимтарини ташаккули рушди устувори низоми идоракунии иҷтимоӣ табдил меёбад.

Давлат ва ҷомеа ҳангоми рушд, бо назардошти омилҳои зиёди дорои хусусияти объективӣ ва субъективӣ воситаҳои мубориза бо коррупсияро таҳия намуда, онҳоро дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият - ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мавриди санҷишу таҳлил қарор медиҳанд. Бо ин мақсад бар зидди коррупсия чораҳои зарурӣ, чӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва чӣ дар сатҳи миллии кишварҳо андешида шуда, доктринаи ягонаи ҳуқуқӣ дар ин раванд ташаккул дода шудааст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», коррупсия кирдоре, ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин, ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ гуногунанд, аз ҷумла таҳаммулпазирии аҳолӣ ба зуҳуроти коррупсия, паст будани шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, мавҷудияти интихоби усулҳои рафтори шахси мансабдор, вақте ки ӯ метавонад масъалаи дар назди ӯ гузоштаро мусбат ва ҳам манфӣ ҳал намояд, аз ҷониби шаҳрванд надонистани ҳуқуқҳои худ, инчунин, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаи роҳбариро дар ташкилоти тиҷоратӣ ё ташкилоти дигар иҷро менамояд.

Дар навбати худ намудҳои коррупсия низ гуногуншакланд. Вобаста ба субъекти он, бо суиистифода аз вазифаҳои хизматӣ ва ташаббускори муносибатҳо, ришвадиҳандаю ришвагиранда, миёнаравӣ, вобаста ба объекти он, фоида, бартарӣ ва имтиёзи ба дастовардашуда фаҳмида мешаванд.

Ин амали номатлуб мушкилоти байналмилалӣ буда, он ба ҳамаи кишварҳо, сарфи назар аз сохти сиёсӣ ва сатҳи рушду нумӯъ маҳсуб буда, танҳо аз ҷиҳати миқёсу андозаи худ фарқ мекунад.

Дар умум, оқибатҳои ногувори коррупсия дар он аст, ки принсипи волоияти қонунро зери суол бурда, ба рушди арзишҳои демократӣ ва волоияти қонун таҳдид мекунад, ҷалби сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷиро, коҳиш медиҳад ва ҳавасмандии сармоягузоронро ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти муайян аз байн мебарад.

**Б. ЮСУПОВ, ҳуқуқшиноси асосии Дастгоҳи раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»- ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418671 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Камераи назорати видеоӣ, сабти видео, стабилизатори шиддат, лавозимоти техникӣ ва кодек барои видеоконфронс | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 28.11.2023 16:40:00 |
| 2 | 418672 | Муассисаи давлатии Телевизиони «Илм ва табиат» | Таҷҳизот барои сабти видео ва расм, молҳои техникӣ ва лавозимоти компютерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 28.11.2023 17:10:00 |
| 3 | 418676 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Телевизор ва маҷмӯи зарфҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 29.11.2023 08:27:27 |
| 4 | 418678 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 29.11.2023 08:48:48 |
| 5 | 418679 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии кӯдакистони №4 ба номи «Афсона»-и шаҳри Бӯстон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 29.11.2023 08:48:48 |
| 6 | 418680 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №14-и ноҳияи Спитамен | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 29.11.2023 08:48:48 |
| 7 | 418682 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №14»-и Ҷамоати деҳоти ба номи Д. Холматов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 29.11.2023 09:45:00 |
| 8 | 418681 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории шуъбаи бемориҳои дили муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.11.2023 10:00:00 |
| 9 | 418684 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Хуросон | Асбобу анҷоми лабораторӣ ва хониш, таҷҳизоти лабораторӣ, мебели мактабӣ ва асбобҳои мусиқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 258 | 29.11.2023 10:20:10 |
| 10 | 418685 | Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Доплери портативии ранга ва рахти хоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 29.11.2023 10:30:30 |
| 11 | 418688 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Вахш | Хӯрокворӣ, гепохлориди калсий, инвентари нарм ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 29.11.2023 11:05:10 |
| 12 | 418690 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрии №1» | Мошини ҷомашӯӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.11.2023 11:12:49 |
| 13 | 418689 | Беморхонаи клиникии ба номи Б.Воҳидови Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таъмири ҷории шуъбаи урологияи беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.11.2023 11:15:20 |
| 14 | 418691 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №11»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 29.11.2023 13:06:06 |
| 15 | 418677 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ранги равғанин, маҳлулкунанда ва чутка | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 29.11.2023 15:55:55 |
| 16 | 418693 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Омехтаи қуму шағал, оптималка ва қуми шусташуда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 29.11.2023 16:56:56 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мухлати муқарраршуда мухлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи махсуси хоҳишмандро аз рӯи як лот, ки аз тарафи шарики рушд - Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дастгирӣ меёбад, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Вокуниш ба масъалаҳои гурезаҳо дар Тоҷикистон»:**

**Лоти 1:** Ташкили шароит барои гузаронидани Тренинги техникӣ оид ба асосҳои паноҳгоҳ (бо назардошти машқҳои амалии саҳроӣ) дар яке аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аз рӯи лоиҳаи «Асосҳои сафарбаркунии захираҳо барои минтақаҳо» (Фондрайзинг):**

**Лоти 2:** Ташкили шароит барои гузаронидани Тренинг оид ба фондрайзинг дар яке аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе).

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақамҳои телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120** унвонии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳоеро, ки нархҳои пешниҳодшуда нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Мухлати охири пешниҳоди ҳуҷҷатҳо*: то 24-уми ноябри соли 2023, соати 09.00 бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30-юми ноябри соли 2023 музоядаи № 45-ро оид ба фурӯши амволҳои мусодирагардида барпо менамояд:**

- тамокуи тамғаи «ESSE LITE» ба миқдори 6 қуттича. Нархи ибтидоӣ - 45 сомонӣ;
- тамокуи тамғаи «ESSE GOLD» ба миқдори 1 қуттича. Нархи ибтидоӣ - 7,5 сомонӣ;
- тамокуи тамғаи «Mond variance» ба миқдори 350 қуттича. Нархи ибтидоӣ - 3150 сомонӣ;
- тамокуи тамғаи «ESSE CHENGE» ба миқдори 37097 қуттича. Нархи ибтидоӣ - 333873 сомонӣ;
- тамокуи тамғаи «MILANO» ба миқдори 314 қуттича. Нархи ибтидоӣ - 942 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмаи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе даниста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**ЭЗОҲ**: Дар музоядаи № 42 оид ба фурӯши амволҳои мусодирагардидаи тамокуи тамғаи «Монд» ва «Милано» танҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дорои иҷозатномаи хариду фурӯши маводи тамоку фурӯхта мешаванд.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30-юми ноябри соли 2023 музоядаи № 46-ро оид ба фурӯши амволҳои мусодирагардида барпо менамояд:**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Втулкаи штангаи реактивӣ (втулка реактивного штанга) | адад | 1200 | 6750 |
| 2 | Маҷмӯи тасбитгари резинӣ (резинокомплект стабилизатора) | адад | 220 | 616 |
| 3 | Радиатори хунуккунии алюминӣ (радиатор охлаждения алюминиевая) | адад | 100 | 4500 |
| 4 | Гарддони саққоӣ (шаравой пыльник) | адад | 200 | 225 |
| 5 | Пайванди эластикӣ (Эластичная муфта) | адад | 174 | 1956 |
| 6 | Техномаш (подушка) | адад | 120 | 810 |
| 7 | Шланги бозистӣ (тормозной шланг) | адад | 150 | 591 |
| 8 | Термостат | адад | 100 | 1406 |
| 9 | Чуткаи шишатозакунӣ (Стеклочистительная шётка) | адад | 100 | 225 |
| 10 | Маҷмӯи таъмирии овезаи овозхомӯшкунак (ремкомплект подвески глушителя) 500 адад (қисман фарсудашуда) | ҷуфт | 167 | 10569 |
| 11 | Прокладка | адад | 2000 | 2250 |
| 12 | Тасбитгари резинӣ (резиновий стабилизатор) | адад | 200 | 562,5 |
| 13 | Резин барои дар (Резин для двери) | адад | 200 | 2250 |
| 14 | Гарддони саққоии қисмати қафо (шаровой пыльник (задняя часть)) | адад | 1200 | 1012,5 |
| 15 | Тасмаи генератор (ремень генератора) | адад | 1250 | 4219 |
| 16 | Маҷмӯи шарнирҳои фишангии овезаҳо (комплект шарниров рычагов подвески) | адад | 1500 | 2531 |
| 17 | Шланги вакумии бензин (шланг бензиновый вакуумный) | адад | 1200 | 2025 |
| 18 | Ҷаъбаи нимтира (сальники полуоса) | адад | 1500 | 1650 |
| 19 | Резина барои овозхомӯшкунак (резина для глушителя) | адад | 2100 | 7087,5 |
| 20 | Найчаи ҳавоӣ (воздушная патрубка (хобот)) | адад | 140 | 1181,25 |
| 21 | Қубури печ (патрубка печки) | адад | 1500 | 3375 |
| 22 | Втулкаи шоҳтир (втулка балки) | адад | 100 | 281,25 |
| 23 | Техникаи зироаткорӣ (култиватор) | адад | 1 | 3375 |
| 24 | Хокаи ҷомашӯии навъи «Тайд» | адад | 5 | 1181,25 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмаи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе даниста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» -и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Тоҷикистон ба Юсупов Сафарбек Шокирович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи №0064429, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 12-уми апрели соли 2010 ба Турсунова Мавзуна Бобоевна (РЯМ 6030021608) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2022 ба Иоров Некрузҷон Бобомуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи ҳарбии силсилаи ҶТ №0076155, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Асоев Шарифҷон Зикреёвич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии №А03541697, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 5-уми октябри соли 2020 ба Асоев Шарифҷон Зикреёвич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 3230054878, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон 14-уми ноябри соли 2018 ба Бегназарова Марҷона Авазовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи махсуси гумшуда бо РЯМ 0930187235, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор ба Хамроева Зайнаб Эхтиёровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникӣ барои ҳавлидорӣ таҳти рақами инвентарии 009/40665, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2000 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти 40-солагии Тоҷикистон, участкаи Озодии занон, хонаи б/р ба Ашурова Муатарой додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи хатми синфи 9-ум бо силсилаи АБ №105112, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2002 ба Аблакулова Дилором Мансуровна додааст, эътибор надорад.

✓ Қарори гумшудаи раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе оид ба қонунигардонии дороиҳо таҳти №3043 аз 20-уми июли соли 2023, ки ба Давлатов Назрулло барои манзили истиқоматӣ дода шудааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТА № 0756578, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22 ба номи Бобоев Неъмати ноҳияи Варзоб соли 2012 ба Қосимзода Мирони Миршариф додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Кооперативи тиҷоратии «Абдулло Махсум», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 3210001520 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон 13-уми июли соли 2000 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Ситора 2016», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0280953 бо РМА 030029253, РЯМ 0310017822 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 18-уми феврали соли 2019 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Волидони кӯдакони имконияташон маҳдуди «Эҳё», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи ВАТҶ №0000794 таҳти рақами қайди ИҶ №1656 мебошад ва онро 19-уми марти соли 2015 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст (бо РМА 010095793 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 27-уми марти соли 2015 ба қайд гирифта шудааст), фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи давлатдорӣ ва волоияти қонун
Садои мардум
Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муовини якуми сармуҳаррир Абдухолиқ МИРЗОЕВ

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешағӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 10 ноябри соли 2023, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34485 нусха*

Навбатдорони шумора Ф. Файзалиева ва Ф. Абдулҳакимова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97